# РӮЗИ МОДАР МУБОРАК, БОНУВОНИ АЗИЗ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 2 (78) 7-УМИ МАРТИ СОЛИ 2018, ЧОРШАНБЕ

**Модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерубахши рӯҳу ҷон мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми тоҷик ва умуман, аҳли башар ба ин тимсоли беҳамтову ҷовидона арҷ мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш ҳамеша сари таъзим фуруд меоранд. Мо низ бо ҳамин сабаб ҷашни фархундаи Рӯзи модарро бо фарорасии баҳор ва Соли нави аҷдодӣ мутобиқ карда, ин ду рамзи некиву саодатро пайи ҳам таҷлил менамоем.**

**Рӯзи модар муборактарин рӯз аст ва хизмати фарзанд дар қиёси ранҷу заҳматҳои модар фақат қатрае аз баҳрро мемонад. Зан – модар муҷассамаи гӯёи зиндагӣ ва ширинтарин лафз дар забони одамӣ мебошад.**

**Дар урфият мегӯянд, ки зани соҳибмаърифату боиффат гавҳар ва зани ҳунарманду кадбонуи сариштакор хазина аст. Ба ин маънӣ, занону модарони мо хазинаи бебаҳое мебошанд, ки тамоми қувваи худро барои тарбияи фарзандони соҳибмаърифату ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамида ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо сарф месозанд.**

**Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд. Баробари ин, дар сари гаҳвораи тифлаш шабзиндадорӣ карда, камолоти ӯро интизор мешавад ва тамоми ҳастиашро ба парвариши ҷигарбандаш сарф намуда, аз роҳи сидқ мададгораш мегардад. Ин рисолати бузурги инсонӣ мақому мартабаи модарро боз ҳам муқаддасу беназир гардонидааст. Ба қадри шири поки модар нарасидан, заҳмати бедорхобиҳои ӯро фаромӯш кардан, ба падару модар ситам кардан ва дар пириву дармондагӣ ба қадри ранҷу азоби онҳо нарасидан бузургтарин гуноҳ аст.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**



## Дар ин шумора:


**ТАРБИЯИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** Саҳ. 3

**МОДАР – БИҲИШТИ МАН** Саҳ. 4

**КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ Ё МАДАНӢ (ИДОМАИ БАҲС)** Саҳ. 6

**РУШДИ САЙЁҲӢ ТАЛАБИ ЗАМОН АСТ** Саҳ. 8

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир
САЪДИЗОДА
jahon_1967@mail.ru

Муовини сармуҳаррир:
Исмоил ШАРИФЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолзода И. И.
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ;
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи ҷандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ЗАБОНШИНОСӢ





Дар доираи силсилаи чорабиниҳои ДМТ ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҶТ барои солҳои 2015-2020» бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар таърихи 22.02.2018 бо ташаббуси кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами забоншиносии ҷамъиятӣ ва муколамаи байнифарҳангӣ» баргузор гардид. Дар кори конференсия устодон, аспирантҳо, магистрҳо аз Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, Донишгоҳи давлатии ш. Қурғонтеппа ба номи Н. Хисрав, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, кафедраи фанҳои иҷтимой-гуманитарии филиали Донишгоҳи энергетикаи ш. Москва дар ш. Душанбе, кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои фаронсавӣ ва олмонии ДМТ, кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.

Рушд ва такомули соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама аз забондонии шаҳрвандон вобаста буда, баҳри қонеъ гардонидани талаботи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ равона шуда, хизматрасониҳоро дар сатҳи баланд таъмин менамояд. Ҳамзамон боиси таваҷҷуҳи бештар пайдо кардани меҳмонони хориҷӣ ба Тоҷикистони биҳиштосо мегардад. Бинобар ин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки барои рушду нумӯи сайёҳӣ ва эҳёву муаррифии ҳунарҳои мардумӣ дар арсаи байналмилалӣ заминагузор аст, барои ҳар як шаҳрванди тоҷик ва тоҷикистонӣ зарур ва ҳатмист. Иртиботи масъалаҳои мубрами забоншиносии ҷамъиятӣ ва муколамаи байнифарҳангӣ дар рушду такомули сайёҳии байналмилалӣ диққати кулли иштирокчиёни конференсияро ҷалб намуда, байни маърӯзачиён ва шунавандагон, аз қабили донишҷӯён саволу ҷавоб ва баҳсу мунозира ба миён омад, ки он аз бетараф набудани ҷавонон оид ба ин масъала дарак медод.

Маърӯзаҳои кори конференсия дар маҷмӯаи алоҳида ҷамъоварӣ гардида, дар шакли Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами забоншиносии ҷамъиятӣ ва муколамаи байнифарҳангӣ» бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар ҳаҷми 233 саҳифа, ки 35 мақолаи илмиро дар бар мегирад, аз чоп баромада, дастраси иштирокчиён ва масъулон гардид.

**Таҳияи**
**Саидзода ҲУСНУДДИН**

# ДУ ХУШХАБАР




Баъд аз таъсиси шӯрои диссертатсионии миллӣ дар назди факултет, шӯро фаъолияти худро хеле ҷиддӣ, дар шароити серталабӣ ва масъулиятшиносӣ бомаром анҷом дода истодааст. Самаранокии фаъолияти шӯрои миллӣ пеш аз ҳама дар он дида мешавад, ки аз рӯи ихтисосҳои барои кишварамон зарурӣ аллакай рисолаҳои номзадӣ ҳимоя гардиданд ва ин кор оянда низ идома дода мешавад. Хурсандибахш аст, ки бо шарофати шӯрои мазкур сафи устодони унвондор дар факултет рӯз то рӯз меафзояд. Аз ҷумла, санаи 27-уми феврали соли 2018 ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рисолаи номзадиашро дар яке аз мавзӯъҳои мубрам ва муҳим «Асосҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти гумруки ҶТ» зери роҳбарии Ҷамшедов Ҷамшед Назаршоевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқии конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дифоъ намуд. Бояд қайд кард, ки аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ нахустин маротиба дар Тоҷикистон рисолаи номзадӣ дифоъ мегардад, ки ин пирӯзиро ба кулли ҳуқуқшиносон табрик мегӯем.




Дастоварди дигари шӯрои диссертатсионии миллӣ ин нахустин маротиба бо забони тоҷикӣ ҳимоя шудани рисолаи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад. Санаи 2-юми марти соли 2018 ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Саъдизода Ҷаҳонгир дар шӯрои диссертатсионии мазкур рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон» зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин дифоъ намуд. Истиқлолияти илмӣ муборак ҳамватан! Ин пирӯзӣ ва дастоварди илмиро низ ба ҳамкасбон ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистон табрик мегӯем.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Соибов Зайниддин ва Саъдизода Ҷаҳонгирро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо фатҳи қуллаҳои баланди илмиро ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз таманно менамоянд.

**Таҳияи**
**Муҳаммадҷон**
**СОҲИБОВ**

# ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ВА КУМИТАИ ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ





Санаи 24 ва 26-уми феврали соли 2018 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии устодон ва донишҷӯёни факултет бо намояндагони мақомоти прокуратура ва Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ баргузор гардид.

Чорабиниҳои мазкурро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, миннатдории худро ба намояндагони мақомоти мазкур бобати таваҷҷуҳ ба тарбияи насли ҷавон иброз доштанд.

Бояд қайд кард, ки вохӯрии мазкур дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи Прокуратураи Генералӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва ДМТ доир гардид.

Мақсад аз гузаронидани чунин вохӯриҳо шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, ҳамзамон зимни ҷамъомадҳо дигар масъалаҳои вобаста ба ҳаёти ҷавонон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Аз ҷумла, зимни вохӯриҳо сардори раёсати назорати умумии Прокуратураи Генералӣ Содиқзода А. қайд намуданд, ки Паём санади барномавӣ ва ҳуҷҷати роҳнамо буда, дар он қисматҳои муҳимми фаъолияти давлату ҳукумат таҷассум ёфтааст.



Ҳамзамон дар ҷараёни вохӯриҳо баррасии «Барномаи курси омӯзишӣ оид ба ВНМО/АНМО барои омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ», ки Вазорати маориф ва илми ҶТ таҳия намудааст, ба роҳ монда шуд. Тавсия дода шуд, ки ҳар як инсон имрӯз бояд худро аз ВНМО эмин нигоҳ дорад. Чунки дар шароити имрӯза ба ҳаёти миллионҳо одамон ВНМО таҳдид карда истодааст. Бинобар ин ҳифзи худ ва дигарон аз ин вабои аср вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шахс, махсусан ҷавонон ҳисобида шуд.

Дар умум донишҷӯёну омӯзгорон ва меҳмонон аз ташкили ин гуна чорабиниҳо таассуроти нек бардошта, ҷоннок намудани чунин ҷамъомадҳоро хоҳиш намуданд. Садорати факултет баргузории вохӯриҳоро бо намояндагони касбу кори гуногун дар оянда низ идома хоҳад дод.

**Таҳияи Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# ТАРБИЯИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Санаи 2-юми марти соли 2018 дар китобхонаи факултет семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ баргузор гардид. Дар он асосан устодон ва аспирантони кафедраи мазкур бо маърӯзаҳо баромад намуданд. Ҳамзамон дар чорабинии мазкур устодони кафедраҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ. иштирок намуданд.



Семинари илмӣ-назариявиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, мақсади асосии ҷамъомади мазкурро рушди илми ҳуқуқи байналмилалӣ ва тарбияи кадрҳои сатҳи байналмилалӣ унвон намуд.

Дар семинари илмӣ-назариявӣ устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ бо мавзӯъҳои зерин баромад намуданд: «Масоили назариявии ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоии бор: масоил ва пешниҳодҳо» (Салихов З.И.), «Одати байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҶТ: масоил ва пешниҳодҳо (Қодиров Н.А.), «Масоили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ» (Саидов Ҳ.Х.), «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи ҶТ: масоил ва пешниҳодҳо» (Абдуллозода Ёқуб) «Таъсири конструксияҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои граждание-ҳуқуқӣ дар ҶТ: масоил ва пешниҳодҳо» (Сайфидинова Манижа).

Баъди ҳар як гузориш устодон Ғаюров Ш.К., Абдуллоев П.С., Маҳмудов И.Т., Қурбонов Қ.Б., Сулаймонов Ф.С., Сафарзода А.И. Авзалов А.Х., Сулаймонов М. ва дигарон суханронӣ намуда, оид ба мушкилоти дар маърӯзаҳо ироашуда фикру андешаи худро баён намуданд.

Дар семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавон асосан маърӯзаҳо аз рӯи мавзӯи диссертатсияҳо интихоб шуда буданд, ки барои анҷоми корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони ҷавон заминаи мусоиде фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ, тибқи мушоҳида ва натиҷагирӣ аз семинари илмӣ-назариявӣ маълум гардид, ки иштирокчиён аз ин чорабинӣ таассуроти нек бардошта, баргузории чунин семинарҳои илмӣ-назариявиро иқдоми хуб баҳри рушди илми ҳуқуқи байналмилалӣ ва мутахассисон дар ин соҳа арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи Некрӯз ҚОДИРОВ**







# МОДАР – БИҲИШТИ МАН

**Ҳамасола дар кишвари мо санаи 8-уми март ҳамчун Рӯзи модар таҷлил карда мешавад. Бахшида ба ин санаи фархунда як зумра донишҷӯёни факултет андешаҳои худро иброз намудаанд, ки фишурдаи онҳоро пешкаши хонандаи гиромӣ месозем.**

Маъруф АШӮРОВ
донишҷӯи соли 4



Зан – Модар олиҳаи ҳусн ва офарандаи ҳаёт ва азизтарин мавҷуд дар олами ҳастӣ мебошад. Меҳри модар чун коинот ҳадду ҳудуд надорад. Ӯ тимсоли покиву назокат ва латофат, сазовори парастиш ва эҳтиром мебошад. Ақлу заковат, донишу маҳорати зан ба мард қуввату матонат бахшида, ӯро бо меҳру вафо, шуҷоат ва аз худ гузаштанҳо ҳидоят менамояд.

Аҳмад НИГМАТОВ
донишҷӯи соли 2 (ФҲҲ)



Модарон ҳамчун чароғи хонавода барои тарбияи фарзанд масъул мебошанд ва танҳо бо меҳру муҳаббат, сухани нарму беолоиш ва пиндори шоистаи модарон фарзандон дуруст ба камол расида, обрӯи оиларо дар миёни хешу табор, аҳли ҷомеа ва берун аз он баланд мебардоранд.

Рӯзи модарон ба ҳар пиру барнои диёр, занону модарони азиз ва духтарони меҳрубони мо хушрӯзиву саодатмандӣ насиб гардонад!

Самандар САФАРОВ
донишҷӯи соли 4 (ФҲҲ)



Рӯзи модар ба рӯзҳои аввали фасли зебои баҳор рост меояд. Аз ин ду зебоии беназир илҳом гирифта, шеъри тозае эҷод намудаам ва мехоҳам ин шеъри шогирдонаи хешро ба модарон армуғон созам:

Қурбони каломи
безаволат модар,
Шайдои ҷавоби ҳар саволат модар.
Бо лафзи дарӣ шеъру ғазал мехонӣ,
Ман маст ба ҳусну бар ҷамолат модар.

Қурбон ба мӯи ҳамчу шират модар,
Ман садқаи номи беназират модар.
Ду даст ба даргоҳи Худо бардорӣ,
Як умр бидон манам асират модар.

Ман садқаи овози ширинат модар.
Алфози ширини дилкаринат модар.
Шабҳои дароз бар сари гавҳораи ман,
Қурбони садои дилнишинат модар.

Ду дасти туро бибӯсаму шод шавам,
Парвоз кунам зи ғусса озод шавам.
Эй модари ҷон меҳри ту андар дили ман,
Як умр чун фариштаи манзили ман.

Шукрона ҶАЛИЛОВА
донишҷӯи соли 3

Модар, эй мураббию омӯзгорам. Ёдам ҳаст, ҳарфи аввали Алифборо аз забони ширини Шумо омӯхта будам. Аз он лаҳза туро нақш бахши ҳаётам хондаам. Тифл будам, ҳар гоҳе рӯятро бо дастони нозуку беозорам ламс менамудам, аз дастонам мебӯсидӣ, ашк мерехтӣ ва аз Яздони Пок шукрона мекардӣ, ки маро ба ту бахшидааст. Тоқати дидани дардамро надорӣ, медонам. Агар дар зоҳир ё ботинам чизе тағйир ёбад, пеш аз худи ман ту онро эҳсос мекунӣ ва чун оғӯшам мегирӣ, дард аз танам дур мешавад. Эй табибам, доруву дармонам идат муборак!



Хушқадам ЮЛДОШЕВ
донишҷӯи соли 5

Ватан ва Модарро мутафаккирони гузаштаву муосири аксари мамолики дунё неъмати муқаддас хондаанд.

Оре, хушбахт касест, ки ба маънии калимаҳои Ватан ва Модар дуруст сарфаҳм меравад ва ҳастии худро бе ин ҳарду тасаввур карда наметавонад. Ба андешаи ман дӯст доштани Модар ва дӯст доштани Ватан ибораҳои аз ҳам ҷудонашавандаанд.

Нуроншоҳ РАҲМОНЗОДА
донишҷӯи соли 3, шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ

Зан-модар чи мафҳуми дилнишинест, ки ҳангоми ба забон овардани он дидаҳо пур аз нур мегардад, зеро зан-модар қимматтарин неъмати дунёву сарчашмаи неъмати беканор ва ҳимматбаландтарин шахсият дар олами ҳастӣ аст.

Дар таърихи тамаддуни чандҳазорсола занон нақши басо бузурги сахми арзанда гузоштаанд. Дар саҳифаҳои дурахшони таърихи миллатамон номҳои Гурдофарид, Томирис, Рухшона, Маликаи Бухорхудот, Робияи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Зебуниссо, Нодира ва даҳҳо модарону хоҳарони хирадманду фарзона, донишманду оқила, размандаву ҷасур бо ҳарфҳои зарин сабт шудаанд, зеро кору пайкори онҳо то ҳанӯз намунаи ибрат, сабақи зиндагӣ, сазовори пайравӣ ва ифтихори миллати тоҷик мебошанд.

Шаҳноза БОБОЕВА
донишҷӯи соли 3 (ИДҲ)



Зан-модар шахси муқаддас аст. Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ аз тамоми ҳастии ӯ нур меборад. Ин нур роҳи оияндаи ҳаётамонро равшан месозад. Зан-модар офарандаи ҳаёту мамот буда, аз ҳама қимматтарину азизтарин шахс дар олами ҳастӣ мебошад.

Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад. Ишқи поки модар ба мисоли чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистон мекунад. Ширинтарину гуворотарин ва азизтарин сухан Модар мебошад, Модар!

Зери ин ин панҷ ҳарф чӣ қадар меҳру муҳаббат, хушгуфториву хушрафторӣ, бузургиву муҷассамаи хоксорӣ ниҳон аст. Дар олам муқаддастар аз модар мавҷудоте нест. Оре, тамоми ҳастии вуҷуди мо аз модар аст, маҳз бо туфайли модар мо ба дунё омада, одам ном гирифтем. Аз ин ҷост, ки мо ӯро муқаддас мешуморем.

Ситора АШУРОВА
донишҷӯи соли 3 (ИДҲ)



Зан-модар чи каломи зебост. Модар беҳтарин марворид ва ганҷинаест ноёб. Модар беҳтарин ормон, муқаддастарин муъҷиза ва арзишмандтарин сарватест дар дунё. Модар ягона офарандаи инсони комил аст, ки одамиятро ба дунёи равшан оварда, тарбият мекунад ва ба камол мерасонад. Модар ситораи зиндагӣ ва офтоби дурахшонест, ки оламиёнро нуру ҷило мебахшад. Модар беҳтарин ормон, азизтарин ҳастӣ ва такягоҳи фарзанд мебошад. Идат муборак модарам!

Манижа ҲАМИДОВА
донишҷӯи соли 2 (ИДҲ)



Модар фаришта буд,
фақат болу пар надошт,
Шояд ки дошт болу пар,
аммо хабар надошт.

Модар ягона фариштаест, ки моро ҳамеша дар оғӯши худ мепарварад. Ғамхоре, меҳрубоне, зиндадиле, бахшандае чу модар касе нест. Тамоми ҳастӣ ва дороии мо дар ин дунё модар аст. Модар оғози зиндагӣ ва саҳифаи аввалини ҳаёти ҳар яки мо мебошад. Аввалин шахсе, ки мо мебинем ва дар оғӯшаш будани худро ҳар лаҳза орзу мекунем ин танҳо ва танҳо модар буда метавонад. Ягона шахсе, ки моро бо тамоми ҳастияш дӯст медорад ва тамоми гуноҳҳои моро бахшида метавонад модар аст.

Мегӯянд занҳо бисёр заифанд, вале қалби онҳо чунон пурқувват аст, ки тамоми ғаму ғусса ва мушкилиҳои зиндагиро дар он ҷой карда метавонанд ва ҳатто як бор ҳам шикоят намекунанд. Оне, ки ҳамеша дар фикри саломатӣ, хурсандӣ, хушбахтӣ ва хушҳолии мо мебошад, ҳамеша ду дасти дуояш барои мо сӯи даргоҳи Худованди меҳрубон боло аст, модар аст. Дар ин дунё наздиктарин шахси ҳар яки мо модар аст.

Хушбахт касе нест, ки симу зар дорад, балки онест, ки модар дорад. Ман шукрона аз он мекунам, ки чунин як Ватани маҳбуб ва модари меҳрубон дорам.





Гирдоварии
Савлат
ИЗЗАТУЛЛОЕВА
донишҷӯи соли 4

# РИЗОИ ҲАҚ, РИЗОИ МОДАРОН АСТ!

Таърихи миллати куҳанбунёди тоҷикон гувоҳ аст, нақши зан-модари тоҷик дар инкишофи фарҳанги миллӣ беҳамто буда, садҳо фарзандони фарзона ва далеру шуҷоъро ба дунё овардааст, ки номи неки онҳо то ба имрӯз ҳамчун номбардори миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардида, ифтихори мо тоҷикистониён мебошанд.

Зан-модар дар ҷаҳони ҳастӣ ва кулли фарҳангу тамаддунҳо нақши созанда, тарбиятгар, омӯзандаи мушфиқу меҳрубонро таҷассум менамояд. Модар олиҳаи ҳусн, зебоӣ ва хушбахтист. Сарчашмаи ҳаёти ширин ва зиндагии осудаи шахс дар симои зан-модар таҷассум меёбад. Ҳамин аст, ки донишмандони бузург аз қадимулайём дар васфи зан-модар суханҳое саршор аз маънӣ ва ҳикмат эҷод кардаанд. Модар ситораи ҷилодиҳанда дар осмони зиндагии ҳар яки мо мебошад, ки ба зиндагии мо нуру сафо мебахшад. Модар, туро Худованд ҳамчун фариштае офаридааст, ки аз дидорат ҳеҷ сер намешавем. Шахси баркамол дар зиндагӣ бе модар худро кӯдаки роҳгумзадае дар биёбоне меҳисобад. Чунки модар ҳамеша дастгиру дастёру роҳбаладу зиндагӣ ба шумор меравад. Бо эътирофи бузургону мутафаккирони олам зан-модар аз ҷумлаи олитарин неъматҳои башарӣ ва идомадиҳандаи ҳаёт дар рӯи замин мебошад. Зан вафодору меҳрубон, нозуку латиф ва тавонову қудратманд аст. Худованди мутаол, ки офаридгори мост, қудрати офариданро ба зан ато кардааст. Модар зеботарин калимаест, ки мо ба забон меоварем. Ҳангоми ба забон овардани он дидаҳо пурнуру дилҳо пур аз сурур мегарданд, зеро модар қимматтарин неъмати дунёву сарчашмаи неъмати беканор ва ҳимматбалантарин шахс дар олами ҳастӣ ба шумор меравад. Модар олиҳаи нотакрори зиндагӣ, давомдиҳандаи насли инсон ва чароғи фурӯзони ҳар як хонадон аст. Маҳз меҳри бепоён ва навозиши гарми модар моро ба оламу одам ошно сохтааст. Воқеан ҳам ҳар яки мо дар оғӯши гарми ӯ парваришу тарбият ёфтаву бузург шудаем ва меҳраш моро ба олами хушбахтиву орзуҳо ва накӯиҳо мебарад. Аз ин рӯ, месазад қадру қиммати модарро бидонем ва он меҳнату заҳматҳои шабонарӯзии ӯро қадр намоем. Он суруди аллае, ки модар дар сари гаҳвора месарояд дар гӯши ҳар яки мо аз хурдсолӣ то охири умр танинандоз мебошад. Маҳз ана ҳамон суруди алла меҳри модарро аз рӯзҳои аввали зиндагӣ дар дили ҳар яки мо фарзандон қавитар мегардонад. Ба ибораи дигар зиндагӣ худ шеър аст, ки бо аллаҳои модарон ибтидо гирифта, бо номи онҳо анҷом меёбад. Ҳар фарзанде, ки қиммати модарро донад, бо дуояш хушбахту шуҳратёр мегардад. Нависандаи машҳури фаронсавӣ Оноре де Балзак мефармояд: «Ояндаи миллат дар дасти модарон аст». Шумо занҳо давомдиҳандаи наслҳои оянда ва нигаҳдорандаи ин миллати тамаддунофар ва бо маърифату соҳибфарҳанг ҳастед. Аз ин хотир, дӯст доштан, эҳтиром кардан, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати модар расидан қарзи инсонии ҳар як фарзанди бедордил ва бонангу номус мебошад.



Наргис ХОҶАЕВА
муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ



Ҳазорсолаҳо дар фарҳанг ва тамаддуни форсии тоҷикӣ модар дар радифи дигар арзишҳои миллӣ муқаддас дониста мешуд ва бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин анъанаи гиромидошти хидмати модар аз нав эҳё шудааст. Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи Шумо модарону хоҳарон ва бонувони гиромиро дар ин рӯзҳои нахустини баҳорӣ, яъне оғози эҳёи табиат бо як ҷаҳон хушҳоливу шодмонӣ ба ифтихори Рӯзи модар табрик мегӯям.

Идатон муборак, модарон ва бонувони азиз!

# МОДАР – МУҚАДДАСОТИ ЗИНДАГӢ



Наргис ОХУНОВА
мудири кабинети
кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати
прокурорӣ

Беғамии модаронро
ман таманно мекунам,
Чунки бо модар ҳамеша
қадр пайдо мекунам.
Модарам ин гавҳари
ноёб дар рӯи ҷаҳон,
То ки ҳастам меҳри покашро
ба дил ҷо мекунам
Гар надонам қадри ӯро
нестам фарзанди хуб,
Қадри модарро
бидонам шукри дунё
мекунам.

Модар офтоби зиндагӣ, офтоби дурахшонест, ки ҷаҳонро нуру ҷило мебахшад. Офтобест, ки лаҳзае аз болои кӯҳе баромада, дунёро равшанию ҳаёт мебахшад. Модар азизтарин вуҷуди рӯи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз мегирад. Модар нафарест, ки зиндагӣ меофарад ва дар набарди ҷовидонаи ҳаёту марг зиндагиро зинда медорад. Ҳеҷ кас дар зиндагӣ наметавонад муҳаббате амиқтар, самимитар ва воқеитар аз муҳаббати модари хеш дарёбад. Оре, модар беҳтарин армон, азизтарин ҳастӣ, муқаддастарин мӯъҷиза ва арзандатарин сарватест, ки ҳамагонро ҳаёт бахшидааст. Модар қиматтарин неъмати дунё, сарчашмаи муҳаббати бекарон, ҳимматбаландтарин шахси башарият аст. Маҳз меҳри бепоён ва навозиши гарми модар моро ба оламу одам ошно сохтааст. Мо дар




канори модар бо олами рангини кӯдакӣ ба воя мерасему аз ӯ одамгарию ватандӯстиро меомӯзем. Канори модар худ мактаби аввалини ҳаёти мост.

Устод ба шогирд савол дод: – Маънои биҳишт чист? Шогирд ҷавоб дод: – Фариштаи замин. Устод хурсанд шуда, боз пурсид: – То ба кадом дараҷа модаратро дӯст медорӣ? Толибилм бо суханони ғамангез гуфт: – То ба дараҷае, ки намехоҳам аз ҷаннат баргардад. Устод гуфт: – Соддатар фаҳмон. Шогирд бо чашмони ашколуд гуфт: – Ман аз модар маҳрумам.

Мутаассифона, на ҳама вақт мо ба қадри ин ганҷи нодир мерасему иззату эҳтиромашро ба ҷо меорем. Ҳолатҳое мешавад, ки дар дарёи пуршӯри ҷавонӣ ва ишқу ҳавас заврақ меронему модарро бо он ҳама дилсӯзию мушфиқиаш, бо он ҳама меҳру муҳаббаташ ба коми фаромӯшӣ месупорем ва гоҳҳо носипосиҳоеро баҳраш раво медорем. Аммо баъд аз кирдор ва рафтори хеш пушаймон мешавем, ки кайҳо дер шудааст у дигар ӯро пайдо карда наметавонем. Инсон баъд аз раҳо гаштан аз оғӯши гарми модар қиммати ӯро хубтар дарк мекунад. Зеро баҳри фарзанд мисли канори модар биҳиштосо макони дигаре нест. Дӯстон модарро ғанимат доред, зеро ки бо ин бепарвоӣ метавонед ҳар лаҳза ин фариштаро аз даст диҳед.

# АЗ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ МАДАНӢ ТО КОДЕКСИ СОҲИБКОРӢ ВА Ё ДУ САРГУЗАШТИ АҶИБИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ ДАР СОЛИ 2017



**Фирӯз СУЛАЙМОНОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Соли 2017-ум дар қонунгузории кишвар соли пурбарор буд. Қабул шудани як қатор қонунҳо ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо ва кодексҳои амалкунанда аз пешрафти ҷомеаи муосир шаҳодат медиҳанд. Дар соҳаи қонунгузории гражданӣ низ як қатор навгониҳо дар соли 2017 рӯй доданд, ки бархе аз онҳоро, аниқтараш ду «навгониро» меҳоҳем ба хонандагони гиромӣ ошно созем.

1. Пешниҳод оид ба тағйири номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ. Дар соли 2017 баҳсҳо пиромуни иваз намудани номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ идома пазируфтанд. Масъалаи мазкур аллакай борҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд ва хонандагони гиромии рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» огоҳанд, ки гурӯҳи корӣ оид ба коркарди лоиҳаи Кодекси граждании ҶТ дар таҳрири нав пешниҳод дорад, ки номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ иваз карда шавад. Хушбахтона ин танҳо пешниҳод буда, фикр мекунем, ки ба сифати пешниҳод боқӣ мемонад. Зеро, борҳо мо дар мақолаҳои худ қайд намудем, ки тағйири номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ ягон нафъе надораду ягон масъалаи ҳалталаби муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқиро ҳам ҳал накарда, баръакс дар инкишофи муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ монеаҳои гуногунро ба миён меоварад. Инчунин, бояд қайд карда шавад, ки мутаассифона тарафдорони ивази номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ ягон далели асоснок ва муфидеро оварда натавонистанд, ки ин пешниҳоди худро илман асоснок намоянд. Бар замми ин, як чиз вонамуд мешавад, ки хонанда ва ё ҳар шахсе, ки аз ин пешниҳод огаҳӣ пайдо менамояд, саволи зеринро медиҳад: Барои чӣ? Магар дигар масъалае нест, ки дар лоиҳаи Кодекси гражданӣ ҷой дода шавад?

Оре, банда низ ин саволҳоро борҳо ба худ медиҳам, аммо то ба охир посух ёфта наметавонем, ки барои чӣ бояд номи Кодекси гражданӣ дигаргун карда шавад? Магар ин ягон нафъе ба ҷомеаи мо дорад? Магар мо дигар масъалаҳои ҳалталаб, ки садди роҳи муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ гашта истодаанд, аз қабили маскуннамоӣ, сохтмони худсарона, ҳуқуқҳои ашёӣ, масъалаи шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраро барои чӣ баррасӣ намекунем?

Ба андешаи мо пешниҳод вобаста ба тағйири ном намудани Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ ягон заминаи илмӣ ва амалӣ надошта, танҳо пешниҳод баҳри нишон додани «пешниҳод» мебошад. Аммо, набояд аз хотир баровард, ки пешниҳоди мазкур бар замми надоштани ягон нафъ ба ҷомеа, зарари муайянеро дар инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ оварданаш мумкин аст. Аз ҷумла, дар забони илми ҳуқуқ «навгониҳо»-и дахлдор бинобар сабаби иваз шудани ибораи «гражданӣ» ба ибораи «маданӣ» таъсири худро ба ибораҳои дигари ҳамрадиф хоҳанд расонид. Аз ҷумла:




1) баррасии парвандаҳои маданӣ бар ивази баррасии парвандаҳои гражданӣ (шаҳрвандӣ);

2) соҳаи ҳуқуқи маданӣ бар ивази соҳаи ҳуқуқи гражданӣ;

3) қонунгузории маданӣ бар ивази қонунгузории гражданӣ;

4) қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ бар ивази қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии гражданӣ;

5) мутахассиси соҳаи ҳуқуқи маданӣ, на ҳуқуқи гражданӣ тибқи шифри ихтисоси 12.00.03, ки яке аз онҳо ин ихтисоси ҳуқуқи гражданӣ мебошад;

6) ҳуқуқи субъективии маданӣ бар ивази ҳуқуқи субъективии гражданӣ;

7) муомилоти маданӣ бар ивази муомилоти гражданӣ;

8) мурофиаи маданӣ бар ивази мурофиаи гражданӣ (шаҳрвандӣ);

9) Кодекси мурофиавии маданӣ бар ивази Кодекси мурофиавии гражданӣ ва дигар навгониҳо.

Акнун тасаввур намоед, ки агар мо ин гуна «навгониҳоро» ба забони русӣ тарҷума намоем, яъне аз он бароем, ки ибораи «маданӣ» бо забони русӣ «культурный» тарҷума карда шавад, ин гуна ҳолат ба миён хоҳад омад:

1) Кодекси мадании ҶТ – Культурный кодекс Республики Таджикистан;

2) мурофиаи маданӣ - культурный процесс;

3) Кодекси мурофиаи мадании ҶТ – Культурный процессуальный кодекс Республики Таджикистан;

4) қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ – культурная правоспособность и дееспособность;

5) ҳуқуқҳои субъективии маданӣ – культурные субъективные права;

6) муомилоти маданӣ – культурный оборот ва дигарҳо.

Ин мисолҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки пешниҳоди мазкур бар нафъи инкишофи қонунгузории кишвар набуда, дар маҷмӯъ, зарарнок мебошад ва оқибатҳои ногуворро ба миён хоҳад овард.




2. Пешниҳод оид ба қабули Кодекси соҳибкорӣ. Ба хонандагони гиромӣ бояд маълум бошад, ки дар Форуми волоияти қонун, ки дар шаҳри Душанбе соли гузашта баргузор гардид, яке аз пешниҳодҳо ин коркарди лоиҳаи Кодекси соҳибкории ҶТ буд.

Бояд қайд намуд, ки мо вобаста ба масъалаи мазкур бо профессор Ғаюров Ш. як қатор фикру ақидаҳои худро дар мақолаи худ, ки дар рӯзномаи хондании «Минбари ҳуқуқшинос» рӯйи чоп омада буда, иброз доштем. Мо то ба ҳол дар он нуқтаи назар мебошем, ки ҷой доштани чунин кодекс, яъне Кодекси соҳибкории ҶТ садди роҳи муносибатҳои худи соҳибкорӣ гардида, дар танзими ягона ва мушаххаси ин муносибатҳо, ки ҳоло, ба истиснои баъзе аз камбудиҳо, аз ҷониби Кодекси граждании ҶТ амалӣ карда мешавад, мушкилоти гуногунро ба миён хоҳад овард. Худ тақозо намоед: муносибатҳои соҳибкорӣ аз тарафи ду кодекс ба танзим дароварда мешаванд: Кодекси гражданӣ ва Кодекси соҳибкорӣ. Дар ин ҳолат, хоҳ нохоҳ мухолифатҳо ба миён хоҳанд омад, ки бар зарари худи соҳибкор мегардад.




Бояд қайд намуд, ки тарафдорони ин «кодекс» аз он бармеоянд, ки ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ бояд дорои сарчашмаи мустақили худ бошад. Аввалан бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи соҳибкорӣ ба сифати соҳаи мустақил, ба ғайр аз «тарафдорони» худи ҳуқуқи соҳибкорӣ, аз ҷониби дигар олимони маъруф эътироф карда намешавад. Дуюм ин ки худи ҳуқуқи соҳибкорӣ, таърихан дар замони шӯравӣ пайдо гардида, ҷиҳати асоснок намудани дахолати давлат ба фаъолияти хусусӣ равона карда шуда буд. Аз ҷумла, азбаски дар замони шӯравӣ иқтисоди нақшавӣ (планӣ) амал менамуд, пас принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ ва иқтисоди бозоргонӣ, аз қабили принсипи озодии шартнома, принсипи амалинамоии ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ бо назардошти худи субъектон ва аз ҳама асосӣ – принсипи дахлнопазирии моликияти хусусӣ маҳдуд карда шуда ё умуман татбиқ карда намешуданд. Вобаста ба ин, зарурияти илман асоснок намудани ин гуна иқтисоди нақшавӣ ба миён омада, олимони соҳа, ҳарчанде худ ба хубӣ медонистанд, ки чунин маҳдудкуниҳо ва асоснокнамоӣ баҳснок мебошанд, соҳаи ҳуқуқи хоҷагӣ (хозяйственное право)-ро коркард намуданд. Аммо, дар замони ҳозира, вақте дар Конститутсияи ҶТ кафолати моликияти хусусӣ ва озодии фаъолияти соҳибкориро мустаҳкам намудааст ва баҳри эъмори иқтисоди бозоргонӣ равона шудааст, пас оид ба «соҳаи ҳуқуқ»-е, ки бар хилофи он аст, зарурияте боқӣ намемонад. Албатта, иқтисоди бозоргонӣ маънои онро надорад, ки муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ тамоман озод аст, сарҳаде надорад ва субъектон чӣ коре хоҳанд кардан мегиранд. Албатта чунин нест, баръакс маҳз ҳуқуқи гражданӣ, гарчанде принсипҳои дахлдори иқтисоди бозоргониро муқаррар карда бошад ҳам, ҳудудҳои амалинамоии ҳуқуқҳои субъективии гражданиро низ муқаррар менамояд. Аз ҷумла, манъи суиистеъмол аз ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ, бар зарари дигар субъект татбиқ накардани ин ҳуқуқҳо ва ғайра. Яъне, худи Кодекси граждании ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулшаванда пурра метавонанд ин масъалаҳоро танзим намоянд. Сеюм асос ин аст, ки таҷрибаи дигар давлатҳо аз он бармеояд, ки доштани ду кодекс дар соҳаи мазкур заминаи мухолифати гуногун гардида, садди роҳи инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ мегардад. Аз ин ҷо, як қатор давлатҳои пешрав дар ин соҳа, аз ҷумла Фаронса ва Олмон баҳри унификатсияи қонунгузории ин соҳа, яъне якҷоя намудани қонунҳо ва кодексҳои алоҳида зери унвони «Кодекси гражданӣ» чораҳои дахлдор андешида истодаанд.

Дар фарҷом мехоҳем ҳаминро қайд намоем, ки инкишофи қонунгузории граждании ҳар давлат дорои хусусиятҳои худ мебошад ва дар ҳар давру замон олимони асил ва дӯстдори соҳаи ҳуқуқи гражданӣ танҳо баҳри беҳдошти ин соҳаи қонунгузорӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, мақсади онҳо таъмини устувории муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам, умед аз он дорем, ки дар соли 2018 чунин «саргузаштҳо» Кодекси граждaниро дунболагир нахоҳанд шуд ва пешниҳодҳои зикргардида ба сифати танҳо пешниҳод боқӣ хоҳанд монд ва таъсири манфии худро дар инкишофи минбаъдаи Кодекси граждании ҶТ нахоҳанд расонид.

# МОДАР ФАРИШТА БУД, ФАҚАТ БОЛУ ПАР НАДОШТ



Тоҷинисо АЗИЗЗОДА
донишҷӯи соли 2

Модарон мавҷудоте ҳастанд, ки дар миёни ҳама чизи заминиву осмонӣ фарозаминию фарозамонианд. Чеҳраҳои модарон чун ҳурони биҳиштӣ барафрӯхта ва нигоҳҳояшон басо пурмаънотар аз фариштагон ва отифаҳояшон зулолтар ва монанди рӯҳҳост.

Ба сони гулҳои рӯянда дар хоку обу ҳаво ва тааллуқманд ба меҳвари олам онон рашку ишқ падид меоранду дилҳоло мебаранд ва ҳар ки дақиқтар ба эшон бингарад, асрори хосае мебинад, ки басо фаротар аз ҷисмонияти онон, ҳама чизи заминӣ ва ҳатто худи онон аст.

Модар ғунчаи отифаҳост ва амиқ ҳамчун осмонҳо. Оташфишони эҳсосу андешаҳои фаровон аст, мисли ахтарон дар гунбади гардон. Отифаҳои ӯ монанди рӯдҳои зери замин хӯрушон ва чун сели гудозаи ҷӯшон. Ӯ бо ҷумла шодиҳову андӯҳони сарнавишти хеш бо ҷаҳон ҳамнавою ҳамовост. Ӯ дар баҳои он чи мекунад, чизе намехоҳад ва ғуборе аз фарзандон ба дил надорад. Ӯ он таҷассуми садоқат ва саховат аст, ки дар он ахлоқи илоҳӣ табаллур ёфта, ки ҳам ранҷбурди ҷаҳаннамӣ ва ҳам ҳатто бевафоии фарзандон ҳаргиз рӯҳашро намешиканад ва вонамедорад, ки даме аз вазифаи модариаш рӯ гардонад…

Танҳо модар дар ҳар фасле аз ҳастии мо ғамхори мост. Танҳо ӯст, ки моро таскин мебахшад ва сахтиҳоро ба мо қисмат мекунад. Ӯ розист, ки гуруснагӣ кашад ва ҳарчиро бипӯшад то мо сер бошему пӯшиш ёбем. Ӯ он ҳама чиро ки мо эҳсос мекунем, аз сар мегузаронем, эҳсос мекунаду аз сар мегузаронад. Маҳз ӯст, ки бо матонати фаробашарӣ барои сапедбахтии мо аз озмоишҳое беамон убур мекунад. Фақат дили ӯст, ки дар саросари рӯзгори хеш барои саломати ҷисмӣ ва рӯҳии мо месӯзад, моро меомӯзад, ки иродамон истеҳком бубахшем ва ақламонро парвариш диҳем. Фақат ӯст, ки барои мо бедареғ некӣ мекунад ва дар ин масир зарае дареғ намехӯрад.

Маҳз дар оғӯши модар овони басо пурарзиши мо сипарӣ мешавад. Дар оғӯше, ки дилафзотар аз ҳазор пари товус аст, сеҳрангезтар аз афсуни гулҳост, гармтару зиндатар аз ошёни парандаҳост ва дар он мо худро хуштару осудатар аз гул дар гулхона эҳсос менамоем. Маҳз бо шарофати ӯ суруру ҳаяҷон ҷавҳару моҳияти ғамхорӣ дар ҳаққи азизтарин касро дидему эҳсос кардему шинохтем. Ва ҳар бор, ки жолаи ниёзу нотавонии мо тавъам бо заъф, номодагӣ ва имтиҳоноти тақдир ба сарамон фурӯ мерехт, боз модарамон дар пуштамон меистод.



Ҳар дафъа, ки аз ӯ ёрӣ меҷӯстем, ҳарорати дилашро яксара ба мо арзонӣ медошт ва дар замирҳои мо нури тасаллову оромишро медамид…

Он рӯзҳову шабҳое, ки бо модар будем, шабеҳи саодатест, ки фақат дар руъёи хеш дидаем. Дар соатҳое гулобию нилуфари зеботарину шевотарин таронаҳои ҳастиро аз дилҳои модарони худ шунидаем ва андар расидаем, ки маҳз ҳамин хушбахтии ҳақиқист ва ҳаловате васф нопазир ёфтаем.

**Алла мегуфтӣ ту шабҳои дароз,**
**Дар сари гавҳораи пурнози ман.**
**Роҳатам буд аз шаби бехобият,**
**Модарро бишнав кунун овози ман.**

Модар сангбинои офариниш, файзбортарин бунёни ҷаҳони инсонӣ ва нур дар чашмони мост. Мо аз ӯ ба ҳадде қарздорем, ки қарзи худро наметавонем баргардонд ва масъулияти худро дар пешгоҳи ӯ наметавонем анҷом дод. Қомати мо аз эҳсоси анҷомнопазирии ин масъулият мехамад ва бо ин таъзим арзиш меёбем.

Дар куҷо боз пӯлоди модарӣ обу тоб меҳӯрад, магар дар сарчашмаҳои фирдавсӣ барин, ки пиромунашон фариштаҳо монанди кабутарони сапедбол фурӯд меоянд? Чӣ гуна боз метавон тафсир кард, ки фурӯғи рӯҳи модар нур аз дидагонамон мебарад? Фурӯғ куҷо, ки ҳатто сояи он пари парвонаҳоро месӯзад ва ман то ҳол аз ин ҳиссиёт ҳангу мангам, ки аз он ҷавҳаре наҳмор бармехезад. Он манбаи розомези нур аст, ки ба дилҳоямон рӯшноӣ андозад.

**Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,**
**Шояд ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.**
**Ё дошт огаҳӣ зи пару боли хеш, лек,**
**Майли ҷудо шудан зи ману аз падар надошт.**
**Дар кӯдакӣ ба Модари худ хостам барам,**
**Як ҳадя, лек ҷайби ман он лаҳза зар надошт.**
**Зар ёфтам ба гоҳи ҷавониву он замон,**
**Ҷуз ишқи ёр сина ҳавои дигар надошт,**
**Вақте ба ёди ҳадя фитодам, ки Модарам,**
**Рӯи лабаш ба ғайри «видоъ эй писар» надошт…**
**Модар фаришта буд, пари худ кушода рафт,**
**Азбас илоҷ пеши қазову қадар надошт.**
**Модар фаришта буд, дақиқан фаришта буд,**
**Ҳатто ба дӯш болу паре ҳам агар надошт.**

**ОЗАР**

# ИМРӮЗ МЕКӮШАМ, ТО БЕҲТАР АЗ ДИРӮЗ БОШАМ

Ин сухани тиллоӣ, сухани саршор аз маънии воло, омӯзанда, зиндагисоз, ки як ҷаҳон бори маънӣ мекашад, як амри воқеъ ва қонуни зиндагист. Оре, зиндагии мо, инсонҳо иборат аз қонунҳои махсусест, ки риояи онҳо боиси эҷоди як зиндагии пурҳосил аст. Рисолати аслии мо низ дар зиндагӣ, чизе ҷуз зиндагӣ кардан нест. Бояд зиндагиро зебо зиндагӣ кунем!!! Ин сухани тиллоиро дар як маҷалла вохӯрдам. Вохӯрии аҷиб, хотирмон... Ҳамоно фикру хаёли маро ба дуриҳои дур, ба таърихи дуру дарози инсоният, ба воқеаҳои то ба имрӯз рӯйдоди башарият бурд. Аз ҳар нафари нахуствохӯрдаам, шурӯъ аз наздикону пайвандон маъниву мазмуни ин ҷумларо пурсидам. Ҳар яке ба таври худ онро шарҳу тавзеҳ медоданд.

Баъдан дар коргоҳи зеҳни худ гуфтаҳои онҳоро баркашида, ба қавле банду баст кардам. Ба хулосае омадам, ки ин сухан яке аз қонунҳои тиллоии зиндагист ва таърихи рушду инкишофи башарият рӯйи он устувор аст. Зеро, инсоният дар тули мавҷудияти худ кӯшидааст, ҳамеша беҳтар аз дирӯз бошад ва беҳтар аз дирӯз зиндагӣ кунад. Чун як зиндагии зеборо танҳо як инсони зебову зебоандеш, зебонигару ҳадафманд метавонад бисозад. Дар замони кунунӣ низ пешрафту инкишоф, рушду тараққии тамоми арсаҳо ва давлатҳо ба он вобаста аст. Риоя ва татбиқи ин амр дар кӯдакон ба таври возеҳ аён аст, зеро кӯдак мекӯшад то ҳар рӯз чизи наве биомӯзад ва дар роҳи омӯзишу таҷриба аз ҳеҷ чизе намеҳаросад. Ин як амри табиӣ ва зарурист. Инсон рӯзе, ки аз рушду инкишоф боз мемонад, он рӯз маргу нестӣ (руҳиву равонӣ) барояш фаро мерасад. Зеро ҳама мавҷудоти зинда рушду инкишоф меёбад, ки татбиқи ин гуфтаро дар табиат ба таври олӣ метавон мушоҳида кард: дарахте, ки аз рушду инкишоф боз мемонад оқибат ба ҳезум ва баъдтар ба хокистар мубаддал мегардад. Дигар ин ки инсон бояд худро на бо инсонҳои дигар, балки танҳо бо гузаштаи худ муқоиса кунад ва бикӯшад, то беҳтар аз дирӯз бошад. Инсон ҳар рӯз ду роҳ дорад: ё бо омӯхтану аз худ кардани дониши нав, иттиллои нав ё ҳунари наве як қадам ба пеш меравад, ё бидуни ин ҳама як қадам ба ақиб меравад. Ҳадди миёна мавҷуд нест. Пас, инсонҳо ҳамчуноне, ки наметавонанд хилофи қонунҳои давлат зиндагӣ кунанд, ҳақ надоранд ва наметавонанд хилофи қонунҳои зиндагӣ амал кунанд. Дар акси ҳол “ҷазо” мебинанд.

Бо дарки ин ҳама ба андешаи ман сухани “Имрӯз беҳтар аз дирӯз будан” бояд шиори ҳар фард, аз ҷумла ҳар “донишҷӯи муваффақи зиндагӣ” ва “донишҷӯи муваффақи донишгоҳ” бошад. Аз он рӯз инҷониб ин ҷумла ҳамчун шиори ман дар ҳуҷраам овезон аст ва баробари субҳ аз хоб бархостан аввалан бо он рӯ ба рӯ мешавам ва аз раҳгузари ин вохӯрӣ тамоми рӯзам зебову хотирмон, бо халқи муваффақиятҳои нав ба нав мегузарад. Мақсад аз овардани ин матлаб ва таҷрибаи шахсии зиндагиам танҳо он аст, ки мехоҳам ин сухан шиори тамоми инсонҳо гардад ва



Фарзона АСОЕВА
донишҷӯи соли 2 (ФҲҲ)

бо АМАЛ намудан тибқи он зиндагии зебо ва саршор аз муваффақиятҳоро барои худ касб кунанд, зеро “бо кашидани расми нон шиками гурусна сер намешавад”.

# АЗ ТАЪРИХИ РӮЗИ ЗАНОН



Раҳматулло САИДОВ
донишҷӯи соли 5

Иди модар дар ҳақиқат барои кулли сайёра ҷашни бузурге мебошад. Ман мехоҳам қаблан дар бораи таърихи ин ҷашн каме маълумот диҳам. Аз рӯи сарчашмаҳо мо муайян карда метавонем, ки таърихи ҷашнгирии рӯзи байналмилалии занон бо номи Клара Сеткин алоқаманд аст, зеро ӯ гурӯҳи инқилобии худро соли 1910 ташкил карда, пешниҳод кард, ки 8-уми март ҳамчун рӯзи занони пролетарӣ қайд карда шавад. Клара Сеткин ҳамон сол тамоми занони дунёро ба мубориза барои баробарҳуқуқӣ бо мардон даъват кард. 19-уми марти соли 1911 дар Олмон, Дания, Швейтсария иди занон ҷашн гирифта шуд. Дар Русия бошад, аз 2-юми марти соли 1913 оғоз гардид. Танҳо соли 1914 дар тамоми дунё 8-уми мартро ҳамчун рӯзи байналмилалии занон ҷашн гирифтаанд, зеро ба рӯзи истироҳат рост меомад. Оре, модар гавҳарест, ноёб. Дар зонуи модар шоҳбайти китоби хотираҳои зиндагист. Давлати фарзанд модар аст. Образи ин шахсияти нотакрор дар адабиёт мақоми хоса дорад. Шоирон симои воқеии ӯро ба сухан нишон дода, номашро то осмон баровардаанд. Ҳар фарзанде, ки қадру қиммати ӯро донад, ба дуояш хушбахту шуҳратёр мегардад. Модар ба чунин қадрдонӣ сазовор аст. Ҳама олимону, шоирон, косибону ҳунармандон парвардаи боғи муаттари дунёи ҳавасҳои модаранд.

**Модар, модар, каси ба ҳиммат бошад,**
**Дидори шарифи ӯ ғанимат бошад.**

Модар сарчашмаи меҳру муҳаббат, шавкати беканор, нури ҳар як хонадон аст. Идатон муборак, модарони азиз!







# РУШДИ САЙЁҲӢ ТАЛАБИ ЗАМОН АСТ



Бахтиёр ПИРЗОДА
донишҷӯйи соли 4

Солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти кишварҳои дунё мавқеи муҳимро ишғол кардааст. Аз ин рӯ, аксари кишварҳо манфиати ин соҳаро дарк намуда ба он диққати махсус медиҳанд. Тоҷикистон, ки дорои таъриху фарҳанги ғанӣ, иқлими мусоид, табиати нотакрор, кӯҳҳои осмонбӯс, чашмаҳои шифобахш, обҳои мусаффо мебошад, ин соҳаро самти афзалиятнок эълон кардааст. Кишвари мо омода аст, ки дар чор фасли сол сайёҳони дохилию хориҷиро пазирой намояд. Тоҷикистон биҳишти рӯи замин барои сайёҳон аст. Беҳуда Тоҷикистонро раиси Созмони Ҷаҳонии Туристӣ Толиб Раифаи Швейтсарияӣ дуюм дар Осиёи Марказӣ наномидааст.

Сайёҳӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, рушди тамоми соҳаҳои хизматрасонию истеҳсолӣ, инчунин барои муаррифии



таъриху фарҳанги қадимаи тоҷик хизмати муҳим мерасонад. Тавре ба ҳамагон маълум аст, тоҷикон аз қадимулайём халқи бофарҳангу меҳмоннавоз мебошанд. Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гашт, ки аз ҷумлаи онҳо бунёди неругоҳҳои хурду бузург, таъмиру таҷдиди роҳҳо, сохтани пӯлҳо, нақбҳо ва садҳо иншоотҳои хурду бузург, меҳмонхонаву тарабхонаҳои муосир, боғҳои истироҳативу фароғатӣ мебошанд, ки барои рушди соҳаи мазкур нақши муҳим мебозанд.

Бо ин мақсад Президенти ҶТ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 22 декабри соли 2017 чунин таъкид сохтанд: «Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад». Пас мо сокинони ин диёри соҳибистиқлолро зарур аст, ки ин сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар амалӣ намудани ин иқдоми нек ва рушду нумӯи Ватани азизамон саҳми арзандаи хешро гузорем.

**РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК ФАРХУНДА БОД!**